# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ализода Нусратулло Убайдулло дар мавзуи “Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 — Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Унвонҷӯ Ализода Н.У. таърихи ташаккули мафҳуми рушди фаъолияти маърифатиро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар робита ба мубрамии мавзуъ муаллиф дуруст қайд намудааст, ки «Сиёсати давлат дар соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад».Яке аз роҳҳои баланд бардоштани сатҳи сифати таълими ватанӣ пайдарпай рушд додани фаъолияти эҷодии хонандагон ва дар замири онҳо ташаккул додани таваҷҷуҳи салоҳиятнок ба мустақилона азхуд намудани донишҳо ва инчунин истифодаи онҳо дар амалия мебошад Ҳамзамон, дар марҳилаи ислоҳоти соҳаи маориф аз кормандони масъули соҳаи маориф ва омӯзгорон босалоҳиятнокӣ ва дорои тафаккури эҷодиро талаб мекунад. Рушди фаъолиятнокӣ ва худфаъолияткунии таълимгирандагон, қобилияти онҳо барои ба даст овардани навгонӣ ва муваффақиятнок ҳал кардани мушкилоти ҳаётӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушд ёфтани иқтисоди бозорӣ ва гузариши мамлакат ва ҷамъияти иттилоотӣ хеле мубрам гардидааст.

Имрӯз метавон гуфт, ки маърифатнокии хонандагон афзоиш ёфта, неруи зеҳнии хонандагон барои азхудкунии асосҳои донишҳои замонавӣ тақвият ёфта истодааст. Масъалаи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар он аст, ки дар ҷараёни таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ давра ба давра ба амал баровардани чунин ташкили ҳамкории педагогӣ, диққати асосӣ ба ҷараёни азбар кардани дониш, муҳайё сохтани шароити мусоид ба таълимгирандагон ҷиҳати ҳифзи

муҳимтарин амалиёти донишӣ ва истифодаи мустақилонаи онҳоро дар назар дорад, ки ба пешравии хонандагон дар сатҳи баланди фаъолияти мустақилона ёрӣ мерасонад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар он **бори аввал**:

1. Пояҳои назариявии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таҳия карда шуд, ки муҳтавои он дархосту тақозои муосирро ба раванди омӯзишу парвариш инъикос менамояд;

2. Сохти муҳтавоӣ ва сохти вазифавии педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариш таҳия карда шуд;

3. Низоми педагогии таҳия кардашуда маҷмуи робитаҳои сохторӣ ва функсионалии қисматҳои муайянкунандаи ягонагии мустаҳкам, мукаммале мебошанд, ки барои расидан ба аҳдоф ва вазоифи баланд бардоштани фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон равона карда шудааст;

4. Асоснок карда шудааст, ки натиҷанокии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариш дар муассисаҳои таълимӣ аз амалӣ намудани маҷмуи шароитҳои педагогӣ вобаста мебошад;

5 Омилҳое, ки ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таъсир мерасонанд, муайян ва ҳамзамон дар бораи онҳо маълумот дода шудааст.

Хулосаҳои асосии таҳқиқоти Ализода Нусратулло Убайдулло далелнок буда, бо миқдори калони маводи назариявӣ ва амалӣ тақвият дода шудаанд. Натиҷаҳои аз ҷониби унвонҷӯ бадастомада имкон медиҳанд, ки дар бораи ихтисоснокии баланди муаллиф хулоса баровард.

Автореферат ва интишорот муҳтавои рисоларо пурра инъикос менамоянд.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии дар рӯйхати КОА – и дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тасдиқ гардида 6 мақолаи илмӣ ба чоп расонида шуданд.

Тартиб ва танзими автореферати диссертатсияи унвонҷӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мутобиқ буда, диссертатсияи Ализода Нусратулло Убайдулло дар мавзӯи "Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 — Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, кори баанҷомрасидаи илмию таҳқиқотӣ буда, ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии мутобиқат мекунад ва барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тавсия карда мешавад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода: Шоҳиён Н.Н.

**Маълумот барои тамос:**

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, куч. Муҳаммадиева, 17/6;
(+992) 37-232-5000; dbzkht.tj@mail.ru.

Имзои Шоҳиён Нурали Набот–ро тасдиқ менамоям

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода: Юсупова Б. Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА